**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 105/2c

аз «18» 07 соли 2023

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Дастурамал дар бораи санҷиши дахлдори муштарӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикршуда ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда – Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст.

2. Лоиҳаи мазкур ба субъектҳои ҳисоботдиҳандае, ки дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблаггузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” аз 15 марти соли 2023, № 1950 пешбинӣ шудаанд, татбиқ мегардад.

3. Дар бандҳои 10, 11, 13, 15, 17, 27, 50 ва 56 лоиҳа уҳдадориҳо барои субъектҳои ҳисоботдиҳанда вобаста ба таҳияи расмиёт ва қоидаҳои дохилии санҷиши дахлдори муштарӣ дар доираи барномаҳои назорати дохилӣ, таснифбандӣ намудани муштариёни худ аз рӯйи дараҷаи хавф, мушаххас ва санҷиш намудани шахсияти муштарӣ ва молик-бенефетсиар ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ё анҷом додани амалиёти якдафъаина, мушаххас ва санҷиш намудани шахсе, ки муштариро намояндагӣ менамояд, санҷиши дурусти маълумоти пешниҳоднамудаи муштарӣ ва намояндаи ӯ, татбиқ намудани низоми идоракунии хафвҳо, таъмини нигоҳдории маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми гузаронидани санҷиши дахлдори муштарӣ дастрас шудааст, инчунин таъминоти моддӣ ҷиҳати гузаронидани санҷиши дахлдори муштариён ба таври фосилавӣ пешбинӣ гардидааст.

4. Дар лоиҳа барои субъектҳои ҳисоботдиҳанда маҳдудият вобаста ба татбиқ намудани чораҳои содашудаи санҷиши дахлдори муштарӣ ва ё истифодаи миёнаравон ё тарафҳои сеюм дар гузаронидани санҷиши мазкур ҳангоми мавҷуд будани шубҳа ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ё ҷой доштани хавфи баланд, пешбинӣ шудааст.

5. Дар лоиҳа барои субъектҳои ҳисоботдиҳанда ва низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

6. Лоиҳаи мазкур барои танзими санҷиши дахлдори муштарӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастоварда, маблаггузории терорризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом мусоидат менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.